Дар доираи хадафхои солимгардонӣ ва накша-чорабинихои варзишӣ дар гарнизони Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон дар байни дастахои варзишии кисму вохидхои харбии Вазорти мудофиаи мамлакат мусобика оид ба дарёфти Чоми вазири мудофиа доир гардид, ки дар он сарбозони варзишгари хар як кисми харбӣ бо омодагии чиддӣ ва рӯхияи болида ширкат варзиданд.

Мусобикаи мазкур дар сатхи зарурӣ ташкил карда шуда, он аз рӯйи 5 навъи маъмули варзиш, аз кабили гурзандозӣ, футбол, волейбол, чанги тан ба тан ва мачмуи харбӣ-варзишӣ чараён гирифта, чихати сабкати озодонаи сарбозон майдонхои махсус омода шуда буд. Хар як сарбозе, ки дар мусобика иштирок дошт, кӯшиш мекард, ки хунару тачриба ва бартарияти худро нишон дода, чойи намоёнро ишгол намояд ва шарафи хамсафону нуфузи кисми харбии худро хифз намояд.

Онхо дар баробари ширкату кувваозмоӣ дар ин гуна мусобикахо бо хамсафони худ табодули тачриба намуда, махорати худро такмил медоданд. Максад аз ташкилу рохандозии ин гуна мусобикахои харбӣ-варзишӣ, хифзи сихатӣ ва обутоби чисмонии сарбозон бахри сарбаландона ва бечунучаро ба чо овардани вазифахои хизматӣ буда, бо ин васила омодагии доимии онхоро ба хатару тахдидхои эхтимолӣ нишон медихад.

Бояд гуфт, ки солхои охир аз тарафи масъулини Вазорати мудофиа ба варзиш диккати хосса зохир шуда, майлу рагбати сарбозон низ чихати  камолоти чисмонии худ ва иштирок дар мусобикахои варзишӣ бештар гаштааст, ки инро метавон аз сатхи баргузории чунин чорабинихои варзишӣ мушохида намуд. Бартарияту фаъолнокии сарбозони кисми низомии 01123-и Кӯшунхои зудамали Вазорати мудофиа кариб дар хама навъхои варзиши муайяншуда ба назар мерасид.

Дар охир доварони мусобика аз руйи хисоби мачмуи холхои дастаӣ  сарбозони  кисми низомии 01123-ро голиби мусобика дониста, Чоми вазири мудофиаро ба онхо такдим намуданд. Чойхои дуюм ва сеюмро бошад, варзишгарони кисмхои харбии 23441 ва 15426 ба даст оварда бо тӯхфахои хотиравӣ кадрдонӣ карда шуданд.